# “Tajik state university of commerce”
# Course: *Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*

## Week 7:
## Regional regulation of customs duties and taxes

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of*: Regional regulation of customs duties and taxes**

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

## НОМИ ФАН: ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНАИ КОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН




**Ҳафтаи 7.**

**ТАНЗИМИ МИНТАҚАВИИ БОҶУ ХИРОҶИ ГУМРУКӢ**

***Рустамзода Фитрат Музафар***

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1.Муқаддима**

- Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ
- Намудҳои боҷи гумрукӣ ва шартҳои он
- Заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ
- **2.Хулоса**
- Ҷамъбасти мавзуъ.

## Мақсади лексия:

Омӯзиши мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ, намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он ва мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

Танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ — ин маҷмӯи тадбирҳо ва сиёсати иқтисодист, ки кишварҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ барои содда кардани тиҷорати байниҳамдигарӣ ва мусоидат ба ҳамгироии иқтисодӣ амалӣ мекунанд. Он метавонад шаклҳои гуногун дошта бошад ва ба ҳадафи паст кардани монеаҳои гумрукӣ ва беҳтар кардани равобити тиҷоратӣ равона шудааст.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

## Шаклҳои асосии танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ:

**Минтақаҳои савдои озод** - кишварҳо бо ҳам шартнома мебанданд, ки бар асоси он боҷу хироҷи гумрукӣ байни онҳо бекор мешавад, вале ҳар кишвар сиёсати гумрукии худро нисбати кишварҳои сеюм нигоҳ медорад. Масалан: Созмони Ҳамкории Иқтисодии Осиё (ASEAN Free Trade Area - AFTA)

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ

**Иттиҳодҳои гумрукӣ (Customs Unions)** Илова ба бартараф кардани бочҳои дохилӣ, кишварҳо сиёсати ягонаи гумрукӣ нисбат ба кишварҳои хоричиро татбиқ мекунанд.

Масалан: Иттиҳоди гумрукии кишварҳои ИДМ, Иттиҳоди гумрукии Иттиҳоди Аврупо

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

**Бозори ягона (Common Market)** - ғайр аз озодии ҳаракати мол, бозори ягона имкон медиҳад, ки сармоя, хидматрасонӣ ва қувваи кор низ озодона ҳаракат кунанд. Масалан: Бозори ягонаи Иттиҳоди Аврупо

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

**Иттиҳодҳои иқтисодӣ (Economic Unions)** - қадами болотар - якпорчагии сиёсати иқтисодӣ, молиявӣ, гумрукӣ ва ҳатто пулӣ (масалан, истифодаи асъори ягона). Масалан: Иттиҳоди Аврупо бо евро

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

**Манфиатҳои танзими минтақавӣ:**

Коҳиш додани арзиши воридот ва содирот

Афзоиши рақобатпазирии маҳсулот

Ҷалби бештари сармояи хориҷӣ

Тақвияти ҳамкории иқтисодӣ

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ

**Челленчҳо ва маҳдудиятҳо:**

- Аз даст рафтани мустақилияти сиёсати гумрукӣ;
- Фишор ба истеҳсолкунандагони дохилӣ;
- Хатарҳои вобастагӣ аз иқтисоди кишварҳои ҳамсоя;

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ

Гумрук яке аз ниҳодҳои муҳими иқтисодӣ ва молиявии давлат мебошад, ки на танҳо назорати ҳаракати молу воситаҳо аз марзҳоро таъмин мекунад, балки дар ташаккули бучети давлатӣ низ саҳми калон дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими бочу хирочи гумрукӣ дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ ба роҳ монда шудааст, ки ҳадафаш баланд бардоштани самаранокии сиёсати иқтисодӣ, ҳифзи бозори дохилӣ ва мусоидат ба рушди тичорати хоричӣ мебошад.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ

**Мафҳум ва намудҳои бочу хирочи гумрукӣ**

**Бочи гумрукӣ** - пардохти ҳатмӣ аст, ки ҳангоми ворид ё содир кардани мол ситонида мешавад.

**Хирочи гумрукӣ** - дигар намудҳои пардохтҳои хизматрасонии гумрук (ба монанди хироч барои барасмиятдарории гумрукӣ).

Намудҳои боч: воридотӣ, содиротӣ, муваққатӣ ва махсус.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

## Заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷ

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти гумрукӣ”;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи боҷҳои гумрукӣ”;
- Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумрук.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

## Танзими минтақавии гумрук

- **Нақши мақомоти минтақавии гумрук**: Раёсатҳои вилоятӣ ва нуқтаҳои назорати сарҳадӣ.
- **Махсусияти минтақаҳо**: Даромад аз боҷу хироҷ дар минтақаҳои наздисарҳадӣ (масалан, ВМКБ, Суғд) метавонад хусусияти фарқкунанда дошта бошад.

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии бочу хирочи гумрукӣ

- **Рақамисозии хадамоти гумрук** ва таъсири он ба самаранокии барасмиятдарорӣ дар минтақаҳо.

**Роҳҳои беҳбудӣ:**

- Табодули иттилоот бо дигар кишварҳо
- Омӯзиш ва бозомӯзии кормандон
- Имкониятҳои рақамисозӣ ва автоматикунонии равандҳо

# Мафҳум ва моҳияти танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ

**5. Нақши ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалӣ**

- Созишномаҳои ҳамкорӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Афғонистон ва дигарон кишварҳое, ки бевосита нақши ҳамкории минтақавӣ ва байналмилалиро дар асоси созишномаи мазкур баланд мебардоранд.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи гумрукӣ, дар низоми ҳуқуқӣ пардохти ҳатмие, ки аз тарафи мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми ба ҳудуди гумрукии ҷумҳурӣ ворид кардани мол ва содир намудани мол аз ин ҳудуд ситонида мешавад ва шарти ногузири чунин воридоту содирот мебошад.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи гумрукӣ ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ танҳо ҳангоми воридоти молҳо аз кишварҳои хориҷӣ бо тартиботи махсус ҳисоб карда мешавад, ки моҳият ва муҳтавои он дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Андозаҳои бочи гумрукӣ аз рӯйи таъиноти худ ба се гурӯҳ тақсим мешаванд: адвалорӣ, махсус ва омехта.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи адвалорӣ як навъи бочи гумрукӣ аст, ки ба арзиши гумрукии моли мавриди андозбандӣ қароргирифта бо фоиз ҳисоб карда мешавад. Бочи махсус тибқи ҳаҷми муқарраршудаи воҳиди моли мавриди андозбандӣ қароргирифта ҳисоб карда мешавад. Бочи омехта ҳар ду навъи дар боло зикршударо дар бар мегиранд. (моддаҳои 341, 342 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон).

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои танзими фаъолияти тиҷорати хориҷӣ бочи гумрукии мавсимӣ муқаррар намояд. Дар ин ҳолат ставкаҳои бочи гумрукии муқаррарнамудаи тарифи гумрукӣ истифода карда намешаванд. Мухлати амали бочи гумрукии мавсимӣ дар як сол аз шаш моҳ зиёд буда наметавонад (моддаи 343 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон).

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон нисбат ба моли воридотӣ мумкин аст муваққатан бочҳои хосси гумрукӣ: махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ истифода карда шаванд. Мақсади асосии истифода гардидани чунин намуди бочҳо ин пеш аз ҳама ҳимоя намудани манфиатҳои иқтисодӣ мебошад.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи гумрукии махсус ба сифати тадбири муҳофизатӣ дар ҳолате истифода мешавад, ки агар мол ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон ба чунин миқдор ё шартҳое ворид шавад, ки тавонад ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ ва ё моли бевосита рақобаткунанда зарар расонад ё таҳдиди зарар расонидан намояд.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Инчунин ҳамчун тадбири ҷавобӣ ба амалҳои табъизӣ (дискриминатсионӣ) ва амалҳои дигари баъзе кишварҳо ё иттиҳодияҳои онҳо, ки манфиати Тоҷикистонро халалдор менамоянд, истифода мешавад. Истифода намудани чунин тадбирҳо пеш аз ҳама ин ҳифз намудани оромӣ ба шумор меравад.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи зиддидемпингӣ дар сурати ворид намудани мол ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи нисбатан ба нархи гумрукии миёнаи омории дар кишвари содиркунанда дар лаҳзаи воридот ниҳоят пасттар, агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони дохилии моли шабеҳ зарари моддӣ расонад, ё таҳдиди зарар расондан намояд, ё ба ташкил ва ё ба бештар истеҳсол намудани чунин мол дар Тоҷикистон мамониат кунад, истифода мегарданд.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочи ҷубронӣ дар сурати ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон ворид намудани моле, ки ҳангоми истеҳсол ё содир кардани он бевосита ё бавосита аз субсидия истифода шудааст ва, агар чунин воридот ба истеҳсолкунандагони ватании моли шабеҳ зарари моддӣ расонад, ё таҳдиди зарар расондан намояд ё ба ташкил ва ё ба истеҳсоли бештари моли шабеҳ дар Тоҷикистон мамониат кунад, истифода бурда мешавад.

## Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Бочҳои махсус, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ, ки мувофиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд, тибқи қоидаҳои пешбининамудаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ситонидани бочҳои гумрукии воридотӣ пардохта мешаванд.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

## Намудҳои зерини воридот аз пардохти бочҳои гумрукӣ озод карда мешаванд:

1) воридоти пули миллӣ ё асъор (ба ғайр аз мақсадҳои нумизматикӣ), инчунин коғазҳои қиматнок;

2) воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Хазинаи давлатии сарватҳо;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

3) воридоти молҳое, ки ройгон ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд, воридоти молҳо ба сифати кумаки башардӯстона, воридоти молҳое, ки ройгон ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ барои мақсадҳои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо дода мешаванд;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

4) воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маҳсулоти такмилии онҳо, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг), барои ташаккул ё пурра кардани сармояи (фонди) оинномавии корхонаҳо ё азнавтаҷҳизонии техникии истеҳсолоти амалкунанда, ба шарте ки ин молу мулк мустақиман барои истеҳсоли мол (иҷрои кор ва хизматрасонӣ) мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии корхона истифода шуда, ба категорияи молҳои зераксизӣ мансуб набошанд.

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Дар сурати барҳамдиҳии чунин корхона ё аз ҷониби ин корхона дар давоми ду сол аз лаҳзаи воридот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода нашудан ё ба шахси дигар таҳвил намудани таҷҳизоти истеҳсолии технологӣ ва маҳсулоти такмилие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, бочҳои гумрукӣ, ки мутобиқи ҳамин баъд пардохта нашудаанд, ба буҷет ситонида мешаванд, ба истиснои воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг);

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

5) воридоти маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, фармасевтӣ ва асбобҳои тиббӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхису табобат, дорувории тиббӣ, ба истиснои дорувории тиббии дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

6) воридоти молҳо барои амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузории давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳои созишномаҳои грантӣ ва қарзӣ;

7) воридоти молҳо барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим, ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшавандае, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

8) воридоти таҷҳизоту техника, масолеҳи сохтмонӣ ва маводи дигар барои таъмини эҳтиёҷоти иншооти сайёҳӣ (аз ҷумла меҳмонхона, осоишгоҳ ва истироҳатгоҳҳои табобатӣ, марказҳои сайёҳӣ ва иншооти дигари сайёҳӣ), ба истиснои молҳои дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда. Рӯйхати иншооти сайёҳӣ, номгӯй ва миқдори таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонии воридшаванда ва маводи дигар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;

# Намудҳои боҷи гумрукӣ ва шартҳои он

9) воридоти молҳо (ба истисноии молҳои зераксизӣ) бевосита аз ҷониби истеҳсолкунандагон барои истеҳсоли алюминийи аввалия тибқи номгӯй ва ҳаҷми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) воридоти алюминийи аввалия;

11) воридоти техникаи ҳарбӣ, агрегатҳои асосӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ ва дастгоҳҳои парвозкунандаи таъиноти мудофиавӣ, инчунин қисмҳои эҳтиётӣ ба онҳо, арзиши хизматрасонӣ ва таъмир;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

12) воридоти молҳои махсуси истифодаи фардӣ барои маъюбон мутобиқи номгӯе, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

13) воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва (ё) воридоти молҳо бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои паррандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи парранда ва чорво;

14) воридоти ашёи хом барои коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ба истиснои ашёи хоми дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда ва молҳои зераксизӣ, ки тартиб ва номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

15) воридоти техника ва таҷҳизот, қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии зерин, ба истисноӣ воридоти қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, ки номгӯйи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад:

- техникаи кишоварзӣ;
- қисмҳои эҳтиётӣ ва маҳсулоти такмилии техника ва мошинолоти кишоварзӣ аз ҷониби корхонаҳои васлу насбкунанда (истеҳсолкунанда) барои истеҳсол, инчунин фурӯши моли (маҳсулоти) ниҳоии истеҳсолшуда;

# Намудҳои бочи гумрукӣ ва шартҳои он

Ҳамин тавр, боҷи гумрукӣ андози ғайримустақим аст, ки аз гардиши савдои берунии мол ҳангоми убури сарҳади гумрукӣ ситонида мешавад. Ин андозро дар ниҳоят кор истеъмолкунанда мепардозад, зеро он ба нархҳои маҳсулот дохил мешавад ва ҳамин тариқ ба рақобатпазирии он таъсир мерасонад.

Вобаста ба сиёсати савдои берунии давлат, меъёри бочҳои гумрукӣ метавонад арзишҳои молҳоеро, ки аз сарҳад интиқол дода мешавад ба таври фарқкунанда зиёд кунад.

# Заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии асосии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ дар кишвар мебошанд. Таъсиси «Долони содакардашудаи гумрукӣ» байни Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, ки дар Форуми байналмилалии гумрукӣ – 2024 ба имзо расид, намунаи ҳамкории байналмилалӣ дар самти соддагардонии расмиёти гумрукӣ мебошад.

# Заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ

**Тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мутобиқ гардонидани сиёсати гумрукӣ ба талаботи замон ва рушди тиҷорати хориҷӣ таҳия шудааст. Баррасии ин лоиҳа дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давлат ба таҳкими заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

# Заминаи ҳуқуқии танзими боҷу хироҷи гумрукӣ

**Нақши ҳамкории байналмилалӣ**

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи гумрук, ба монанди имзо кардани созишномаҳои «Долони содакардашудаи гумрукӣ» ва иштироки кормандони гумрук дар форумҳои байналмилалӣ, ба таҳкими муносибатҳои гумрукӣ ва рушди тиҷорати хориҷӣ мусоидат мекунанд.

# ҶАМЪБАСТИ МАВЗУЪ

**Хулоса** – танзими минтақавии боҷу хироҷи гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз заминаи ҳуқуқии мустаҳкам, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир метавонад, самаранокии сиёсати гумрукӣ ва рушди иқтисодии кишварро таъмин намояд.

# ҶАМЪБАСТИ МАВЗУЪ

Танзими боҷу хироҷи гумрукӣ дар сатҳи минтақавӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозад ва метавонад воситаи муассири ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии вилоятҳо мебошад. Бо истифода аз технологияи муосир ва назорати самаранок, давлат метавонад самаранокии фаъолити гумрукӣ ва шаффофияти онро дар тамоми кишвар баланд бардорад.

# АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қабул намудани кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он, аз 3 декабри соли 2004 № 62, саҳ 1-2

2. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. саҳ 10.

3. Джурович Р. Руководство по заключению внешнеторговых контрактов. – М.: Междунар.отношения, 1992.

4. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Тиҷорати байналмилалӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе “Ирфон” 2007. саҳ 179.